# ОИННОМАИ

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ

# «АЛИФ БОНК»

Бо қарори Саҳмдори ягонаи
ҶСК «Алиф Бонк»
тасдиқ шудааст

Қарори №06 аз 07 майи соли 2026

Раиси ҶСК «Алиф Бонк»
Атобек Гуланор

___________________________

# БОБИ 1

# МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Оинномаи мазкур (минбаъд дар матн – «Оиннома») ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» (минбаъд дар матн – «Бонк») мебошад.

1.2. Бонк тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (минбаъд дар матн – «Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

1.3. Номи пурраи фирмавии Бонк ба забонҳои зерин чунин мебошад:

- тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк»;
- англисӣ: Alif Bank Open Joint Stock Company;
- русӣ: Открытое акционерное общество «Алиф Банк».

1.4. Номи ихтисоршудаи Бонк ба забонҳои зерин чунин мебошад:

- тоҷикӣ: ҶСК «Алиф Бонк»;
- англисӣ: Alif Bank OJSC;
- русӣ: ОАО «Алиф Банк».

1.5. Суроғаи ҳуқуқии Бонк чунин аст: кӯчаи Баҳовуддинов 9, ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе, Тоҷикистон 734019.

# БОБИ 2

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ БОНК

2.1. Бонк аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ дониста мешавад.

2.2. Бонк фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

2.3. Бонк дорои молу мулки алоҳидаест, ки дар тавозуни мустақили он сабт шудааст ва ҳуқуқ дорад ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ба даст орад, онҳоро амалӣ гардонад, ӯҳдадориҳо ба зимма гирад ва дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

2.4. Бонк бояд муҳр дошта бошад, ки дар он номи пурраи фирмавиаш ба забони тоҷикӣ сабт гардидааст. Бонк ҳуқуқ дорад, штампҳо ва бланкҳои дорои номи фирмавии худ, нишони худӣ, инчунин, аломати молӣ ва дигар воситаҳои фардиятро, ки бо тартиби муқararӣ ба қайд гирифта шудаанд, дошта бошад.

2.5. Бонк дорои ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои мадание мебошад, ки барои иҷрои амалиётҳои бо қонунгузорӣ манъnашуда заруранд ва ба мақсад ва самтҳои фаъолияте, ки дар Боби 3-и Оинномаи мазкур зикр шудаанд, мувофиқанд.

2.6. Бонк барои ӯҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулкаш масъул мебошад. Бонк барои ӯҳдадориҳои саҳмдораш масъулият надошта, саҳмдори он барои ӯҳдадориҳои Бонк масъулият надорад ва таваккали зиёни вобаста ба амалиёти Бонкро то андозаи арзиши саҳмҳои ба он тааллуқдошта ба дӯш дорад.

## БОБИ 3
## МАҚСАД ВА САМТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

3.1. Мақсади асосии Бонк – баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида мебошад.

3.2. Самти асосии фаъолияти Бонкро ба амал баровардани аҳдҳо ва амалиётҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

3.3. Бонк фаъолияти худро танҳо пас аз гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон оғоз менамояд. Бонк тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон метавонад амалиётҳои бонкии зеринро бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ анҷом диҳад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳо, гирифтани қарзҳо;
- додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:
  - қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;
  - факторинг;
  - форфейтинг;
  - кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:
  - воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, уҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);
  - асъори хориҷӣ;
  - саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки интиқолшаванда;
  - қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;
- додани кафолат, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;
- ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ва ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқолҳои почтавӣ;
- миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
- амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, қоғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);
- хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);
- амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;
- қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои қоғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;
- пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ;
- ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар боби мазкур зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

3.4. Бонк, ғайр аз амалиётҳои бонкии дар банди 3.3-и Оинномаи мазкур номбаршуда, ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро ба амал барорад:

- додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;
- иҷораи молиявӣ (лизинг);
- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;

- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;
- хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

3.5. Бонк тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад амалиётҳои бонкии исломӣ ва дигар аҳдҳоро бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ тариқи таъсиси равзанаи бонкии исломӣ анҷом диҳад.

## БОБИ 4
## САРМОЯИ ОИННОМАВИИ БОНК

4.1. Сармояи оинномавии Бонк ҳаҷми камтарини молу мулки онро, ки манфиатҳои кредиторони онро кафолат медиҳад, муайян менамояд. Ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк ба 257 300 000 (дусаду панҷоҳу ҳафт миллиону сесад ҳазор) сомонӣ баробар аст, ки он ба 257 300 (дусаду панҷоҳу ҳафт ҳазору сесад) саҳмияҳои оддии номии ғайриҳуҷҷатӣ (минбаъд дар матн – «Саҳмияҳои оддӣ»), бо арзиши номиналии ҳар як саҳмияи оддӣ баробар ба 1 000 (як ҳазор) сомонӣ, тақсим карда шудааст. Сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби арзиши номиналии Саҳмияҳои оддӣ, ки саҳмдори он ба даст овардааст, ташаккул ёфтааст.

4.2. Барои анҷом додани фаъолияти бонкии исломӣ 30 000 000 (сӣ миллион) сомонӣ ҳиссаи сармояи оинномавии Бонк равона карда шудааст.

4.3. Сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии Саҳмияҳои оддӣ ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад. Қарор дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҷониби Саҳмдори ягонаи Бонк (минбаъд дар матн – «Саҳмдори ягона») тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур қабул карда мешавад.

4.4. Сармояи оинномавии Бонк бо роҳи баровардани саҳмияҳои иловагӣ метавонад аз ҳисоби молу мулки Бонк зиёд карда шавад. Сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо танҳо аз ҳисоби молу мулки Бонк зиёд карда мешавад.

4.5. Бонк ҳуқуқ дорад ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вазифадор аст, ки сармояи оинномавиро кам кунад. Сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо кам карда шавад. Қарори кам кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҷониби Саҳмдори ягонаи Бонк тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур қабул карда мешавад.

## БОБИ 5
## КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ЭМИССИОНИИ БОНК

5.1. Тамоми саҳмияҳои Бонк Саҳмияҳои оддии номӣ мебошанд. Арзиши номиналии ҳар як саҳмияи оддӣ, ки дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ бароварда шудаанд, ба 1 000 (як ҳазор) сомонӣ баробар аст. Миқдори умумии Саҳмияҳои оддии паҳншуда 257 300 (дусаду панҷоҳу ҳафт ҳазору сесад) ададро ташкил медиҳанд.

5.2. Миқдори Саҳмияҳои оддии эълоншуда, ки дар доираи он Бонк метавонад саҳмияҳои иловагии оддӣ паҳн кунад, ба 500 000 (панҷсад ҳазор) адад баробар аст.

5.3. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур Саҳмияҳои оддӣ (муқаррарӣ), имтиёзнок ва вомбаргҳо барорад ва паҳн кунад. Ҳангоми баровардани саҳмияҳои имтиёзнок Саҳмдори ягонаи Бонк бояд ба Оинномаи мазкур тағйиротҳои дахлдор ворид намояд.

## БОБИ 6

## САЛОҲИЯТ ВА ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ САҲМДОРИ ЯГОНА

6.1. Ҳамаи Саҳмияҳои оддии Бонк ба Саҳмдори ягона тааллуқ доранд. Саҳмдори ягона дар доираи салоҳияти худ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо оид ба масъалаҳои ба салоҳияти маҷлиси умумии саҳмдорон марбутбударо қабул мекунад ва ба расмият медарорад.

6.2. Масъалаҳои зерин ба салоҳияти истисноии Саҳмдори ягона дохил мешаванд:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Бонк;
- азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;
- барҳамдиҳии Бонк, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;
- муайян намудани шумораи аъзои Шӯрои нозирони Бонк, интихоби аъзои он ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;
- муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда ва вомбаргҳо ва, ҳамчунин, ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода шудааст;
- зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;
- кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи як қисми ин саҳмияҳоро бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо харидани Бонк ва, инчунин, бо роҳи пардохтани арзиши саҳмияҳои бадастоварда ё азнавхаридаи Бонк;
- тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, аз ҷумла, ҳисобот дар мавриди фоида ва зарари Бонк, инчунин, тақсими фоида, аз ҷумла, пардохти (эълони) дивидендҳо ва тасдиқи товони зарари Бонк аз рӯйи натиҷаҳои соли молиявӣ;
- қабули қарор дар бораи маъқул донистани аҳдҳои калон ва дар ҳолати пешбининамудаи Оинномаи мазкур аҳдҳое, ки дар он манфиатдории шахсоне, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, вуҷуд дорад;
- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ қабули қарор вобаста ба харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда аз ҷониби Бонк;
- пардохти дивидендҳо;
- дигар масъалаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ салоҳияти Саҳмдори ягона мебошад.

6.3. Саҳмдори ягонаи Бонк ҳуқуқ дорад:

- қарор қабул намояд;
- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур оид ба фаъолияти Бонк маълумот гирад ва бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои Бонк шинос шавад;
- бо тартиби судӣ ҳуқуқҳои худро ҳифз намояд, ба суд барои ҳифзи манфиатҳои худ, ва Бонк оид ба аҳдҳое, ки дар бастани онҳо манфиати шахсони дар Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ вуҷуд дорад, муроҷиат намояд;
- дар тақсими фоидаи Бонк иштирок намояд (дивиденд гирад);
- саҳмияҳои худро бегона намояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми молу мулки Бонкро, ки баъд аз барҳамдиҳии он боқӣ мондааст, гирад;
- дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур пешбинӣ намудаанд, амалӣ намояд.

6.4. Саҳмдори ягонаи Бонк уҳдадор аст:

- талаботи Оинномаи мазкурро риоя намояд;

- маълумоти махфиро дар бораи фаъолияти Бонк фош накунад;
- уҳдадориҳои ба зимаи худ гирифтаро нисбат ба Бонк иҷро намояд;
- дигар уҳдадориҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба зиммааш вогузор намудааст, иҷро намояд.

## БОБИ 7
## ШӮРОИ НОЗИРОН

7.1. Шӯрои нозирон дар ҳудуди ваколатҳои худ роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро, ба истисноi ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Саҳмдори ягона мансубанд, иҷро менамояд.

7.2. Ба салоҳияти Шӯрои нозирон масъалаҳои зерин дохил мешаванд:

7.2.1 Салоҳият дар соҳаи назорати бонкӣ:

(а) муайян ва тасдиқи стратегияи рушд ва бартарияти самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк, буҷети солона, нақшаи молиявию иқтисодии (бизнес нақшаи) Бонк ва назорати иҷрои он;
(б) таъин ва аз кор озод кардани раиси Бонк ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба музди меҳнат ва чораҳои интизомии он;
(в) таъсиси Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, таъини аъзо, муайян кардани андозаи музди меҳнат ва қатъ намудани ваколати онҳо;
(г) маъқул донистан, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани кормандони роҳбарикунандаи Бонк бо пешниҳоди раиси Бонк, ба истисноi роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонк;
(д) тасдиқ намудани сохторҳои ташкилӣ ва таъини роҳбари сохтори аудити дохилӣ (сараудитори) Бонк, роҳбари сохтори идоракунии хавфҳо (сардори воҳиди сохтории идоракунии хавфҳои)-и Бонк ва роҳбари сохтори комплаенс (сарнозири комплаенс)-и Бонк инчунин муайян намудани шартҳо ва андозаи музди меҳнати сараудитори Бонк;
(е) баррасии натиҷаҳои аудит, санҷишҳои дохилӣ ва берунӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба Саҳмдори ягона оид ба ҳолати молиявии Бонк;
(ж) тасдиқи аҳдҳое, ки дар онҳо манфиатҳои шахсони муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, тасдиқи рӯйхати шахсони вобаста ба Бонк;
(з) муқаррар намудани стандартҳои идоракунии хавфҳо, муайян кардани пазириши хавф ва ҳадди ақали меъёрҳои мақбули дохилӣ;
(и) назорати тадбирҳое, ки мақоми иҷроияи Бонк барои ошкор, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфҳо меандешанд;
(к) нигаҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилӣ, инчунин, мониторинги самарабахши низоми назорати дохилии аз тарафи раиси Бонк амалишаванда;
(л) ба роҳ мондани назорат ва баҳодиҳии фаъолияти раиси Бонк;
(м) тасдиқи сиёсатҳои (қоидаҳои дохилӣ)-и Бонк, ки самтҳои асосии фаъолияти Бонкро танзим мекунанд, аз ҷумла, вале бе маҳдуд Сиёсати қарзӣ, Сиёсати сармоягузорӣ, Сиёсати идоракунии хавфҳои технологияи иттилоотӣ ва Сиёсати идоракунии хавфҳо;
(н) тасдиқи пазириши хавфҳои Бонк;
(о) тасдиқи нақшаҳои стрестест;
(п) тасдиқ намудани нақша (нақшаҳо) барои таъмини фаъолияти мунтазам;
(р) тасдиқ намудани нақшаи маблағгузорӣ дар ҳолатҳои фавқулода;
(с) тасдиқи низомномаҳои Кумитаҳои назди Шӯрои нозирони Бонк;
(т) назорати қарзҳое, ки аз 5% сармояи оинномавии Бонк зиёданд;
(у) назорат ва арзёбии фаъолияти Раиси Бонк;
(ф) тасдиқи амалиётҳо ба маблағи зиёда аз 5,000,000 (панҷ миллион) сомонӣ, ба истисноi амалиётҳои марбут ба кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, мубодилаи асъор, пасандозҳо аз

муштариён ва амалиётҳо бо пули қоғазӣ;

(х) муқаррар намудани сиёсати дохилӣ ва сармоягузорӣ, низоми назорати дохилӣ, комплаенс (мувофиқа) ва меъёрҳои ахлоқӣ;

7.2.2 Салоҳият дар доираи паҳнкунии коғазҳои қиматнок, ба даст овардан ва ҷойгиркунии маблағҳо, истифодаи воситаҳои молиявӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ва дар муносибат бо иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок ва бозори асъор:

(а) ба даст овардани коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

(б) харидани коғазҳои қиматноки паҳннамудаи Бонк дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

(в) паҳн кардани саҳмияҳо вомбарҳо ва дигар коғазҳои қиматноки эмиссионии Бонк дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

(г) муайян намудани нархи (арзиши пулии) молу мулк, нархи паҳн кардан ва хариди коғазҳои қиматнок дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

(д) қабули қарор оид ба ҷойгиркунии вомбаргҳо, ба истиснои вомбаргҳои ба саҳмия мубаддалшаванда;

(е) қабули қарор оид ба хариди вомбаргҳои ҷойгиркардаи Бонк дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур;

(ж) муайян намудани (арзиши пулии) молу мулк, арзиши ҷойгиркунӣ ва хариди коғазҳои қиматноки баровардашуда;

(з) ба Саҳмдори ягона пешниҳод кардани рӯйхати молу мулке, ки арзиши коғазҳои қиматнокро пардохт мекунад ва ҳисобот оид ба нархгузории ин молу мулк, ки масъалаи ҷойгиркунии саҳмияҳои иловагӣ, ки пардохти онҳо дар шакли ғайрипулӣ анҷом дода мешавад, дохил шуда бошад;

(и) қабули қарор оид ба истифодаи фондҳои захиравӣ ва фондҳои дигари Бонк.

7.2.3 Салоҳият дар доираи ташкили фаъолияти худӣ ва назорат аз болои фаъолияти мақоми иҷроия:

(а) ташкили кумитаҳои доимамалкунанда ва муваққатии назди Шӯрои нозирон;

(б) таҳияи меъёрҳо барои баҳодиҳии фаъолияти Шӯрои нозирон ва аъзои он;

(в) вогузор кардани хуқуқи имзои шартнома бо Раиси Бонк аз номи Бонк ба аъзои Шӯрои нозирон дар ҳолати бо қонунгузорӣ пешбинишуда;

(г) таъин намудани котиби корпоративии Бонк ва қатъ намудани уҳдадориҳои он.

7.2.4 Салоҳият дар доираи идоракунии корпоративии Бонк:

(а) муайян кардани маълумот дар бораи Бонк ё фаъолияти он, ки сирри тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инчунин, тартиби ифшои он аз ҷониби Бонк ба шахсони сеюм;

(б) тасдиқи ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти Шӯрои нозирон дохил карда шудаанд.

(в) таъсис ва барҳамдиҳии филиалҳо, аз ҷумла равзанаи бонкии исломӣ, намояндагиҳои Бонк ва тасдиқи низомномаҳои онҳо.

7.3. Шӯрои нозирони Бонк назорати иҷрои сиёсати Бонкро аз ҷониби раиси Бонк амалӣ менамояд, инчунин, идоракунии хавфи комплаенсро назорат мекунад.

7.4. Шӯрои нозирон самаранокии иҷрои сиёсати идоракунии хавфҳо инчунин натиҷаҳои мониторинг ва тавсияҳо оид ба паст намудани хавфҳоро баррасӣ менамояд.

7.5. Ҳайати Шӯрои нозирони Бонк аз (5) нафар иборат буда, ба мухлати (4) сол интихоб мегарданд. Аъзои Шӯрои нозирон метавонанд дар даврахои минбаъдаи мухлаташон аз нав

такроран интихоб шаванд. Бо қарори Саҳмдори ягонаи Бонк ваколати Шӯрои нозирон ва (ё) ваколати алоҳидаи аъзои он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад пеш аз муҳлат қатъ карда шавад. Дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ шудани ваколати узви Шӯрои нозирон, ваколати аъзои дигари Шӯрои нозирон қатъ карда намешаванд.

7.6. Ба ҳайати Шӯрои нозирон шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият, дорои таҳсилоти олӣ ва боэътимод интихоб мегарданд. На камтар аз чор як ҳиссаи аъзои Шӯрои нозирон бояд дар низоми бонкӣ таҷрибаи кории зиёда аз се (3) сол дошта бошанд.

7.7. Кворум барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои нозирон иштироки на кам аз 3 (се) аъзои интихобшудаи Шӯрои нозиронро ташкил менамояд. Ҳар як аъзои Шӯрои нозирон дар вақти овоздиҳӣ доир ба қабули қарор аз рӯйи масъалаҳои баррасишаванда дорои як овоз аст. Аъзои Шӯрои нозирон ҳуқуқи додани овоздиҳии худро ба каси дигар, инчунин ба дигар аъзои Шӯрои нозирон, надорад. Дар ҳолати баробарии овозҳо, овози раиси Шӯрои нозирон ҳалкунанда мебошад.

7.8. Баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои нозирон мансубанд, барои баррасӣ ба салоҳияти раиси Бонк гузошта намешаванд.

7.9. Тартиби амалӣ намудани фаъолияти Шӯрои нозирон, аз ҷумла, тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои нозирон муфассалтар тибқи Низомномаи Шӯрои нозирон, ки аз ҷониби Саҳмдори ягона тасдиқ мегардад, ба танзим даровар да мешавад.

## БОБИ 8

## МАҚОМИ ИҶРОИЯИ ЯГОНА

8.1. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории Бонк аз ҷониби мақоми иҷроияи ягонаи он - Раиси Бонк амалӣ мегардад. Раиси Бонк бо қарори Шӯрои нозирон, ба муҳлати чор (4) сол ба вазифа таъин карда мешавад. Ба вазифаи раиси Бонк танҳо шахсе таъин карда шуда метавонад, ки ба талаботҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ нисбат ба кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ ҷавобгӯй аст.

8.2. Раиси Бонк намояндаи қонунӣ ва ваколатдори Бонк буда, барои идоракунии ҳаррӯза ва фаъолияти Бонк дар доираи ваколати аз ҷониби Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон муқарраршуда масъул аст, аз ҷумла:

- тамоми фаъолият ва идоракунии Бонкро роҳбарӣ менамояд ва иҷрои қарорҳои аз ҷониби Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон қабулшударо ба роҳ мемонад;
- бе ваколатнома аз номи Бонк баромад мекунад, манфиатҳои онро ҳимоя карда, аз номи Бонк аҳдҳо мебандад;
- иҷрои нақшаҳои ҳарсолаи соҳибкорӣ ва сармоягузории Бонкро ба роҳ мемонад;
- сохтори дохилии идоракунию ташкилии Бонк, инчунин, низомномаҳо, дастурамалҳо, тартибот ва дигар санадҳои дохилӣ, ки барои идоракунии ҳаррӯза ва фаъолияти Бонк заруранд ва тибқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон дохил нестанд, тасдиқ менамояд;
- кормандони Бонкро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, инчунин муовин, сармуҳосиби Бонкро бо ҷонибдории Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;
- роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонкро, аз ҷумла “равзанаи бонкии исломӣ”-и Бонкро, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;
- шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандони Бонкро, ба истиснои раис, муовинони раис ва сараудитори Бонк, муайян менамояд;
- барои фаъолияти Бонк пурра масъул мебошад;
- ҳамаи дигар масъалаҳоеро, ки дар доираи салоҳияти Саҳмдори ягона, Шӯрои нозирон ва Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ намебошанд, баррасӣ менамояд.

8.3. Раиси Бонк ваколати худро танҳо барои манфиати Бонк истифода мебарад. Агар Раиси Бонк дар аҳде, ки Бонк бастааст, манфиати молиявӣ ё дигар манфиате дошта бошад, он гоҳ ӯ бояд барои бастани аҳд розигии Шӯрои нозиронро гирад.

8.4. Раиси Бонк ҳуқуқ надорад, ки дороиҳои Бонкро мухолифи қарорҳои Саҳмдори ягона ва Шӯрои нозирон истифода барад.

## БОБИ 9

## КУМИТАИ АУДИТ ВА ХАДАМОТИ АУДИТИ ДОХИЛИИ БОНК

9.1. Кумитаи аудити Бонк аз 2 (ду) нафар аъзо иборат мебошад. Аъзо ва раиси Кумитаи аудит ба муҳлати чор (4) сол аз ҷониби Шӯрои нозирон интихоб мегарданд. Раиси Шӯрои нозирон ва раиси Бонк аъзои Кумитаи аудит шуда наметавонанд.

9.2. Кумитаи аудит дар назди Шӯрои нозирон амал карда, дорои ваколату уҳдадориҳои зерин мебошад:

- баррасии сиёсати Бонк дар самти аудити дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ;
- назорати таъмини пурра, дақиқ ва саҳеҳи ҳисобдорӣ, ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмӯии Бонк;
- баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;
- додани тавсия барои таъини аудитори берунии Бонк мутобиқи қонунгузорӣ, подошпулӣ ва қатъи шартнома бо он;
- баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба Шӯрои нозирон хабар додан дар бораи ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;
- талаб кардани ҳисобот аз сараудитори дохилии Бонк;
- назорати мутобиқати фаъолияти Бонк ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон;
- баррасии ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;
- гузориш оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;
- баррасии амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар заминаи нақшаҳое, ки Кумитаи аудит қабул кардааст, мутобиқи дархости:
  - Шӯрои нозирон;
  - Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ;
  - Саҳмдори ягонаи Бонк тибқи муқаррароти оинномаи Бонк.
- ҳар сол на камтар аз як маротиба пешниҳоди ҳисобот ба Саҳмдори ягонаи Бонк оид ба фаъолияти худ;
- ҳар семоҳа пешниҳод намудани ҳисобот ба Шӯрои нозирон оид ба фаъолияти Кумитаи аудит, инчунин пешниҳоди тавсияҳо оид ба масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит дар доираи ваколати он гузошта шудааст;
- баррасии ҳисоботи аудити дохилӣ ва назорати аз тарафи мақоми иҷроия сари вақт бартараф гардидани камбудиҳои низоми назорати дохилӣ, инчунин дигар камбудиҳое, ки аз ҷониби аудиторон ва воҳидҳои назораткунанда ошкор шудаанд;
- додани тавсия ба Шӯрои нозирон оид ба сохтори аудити дохилӣ, номзадии сараудитори дохилӣ ва подошпулии ӯ.

9.3. Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти овози аъзои иштирокдошта қабул мешаванд. Ҳангоми баробар будани миқдори овозҳо, овози раиси Кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

9.4. Барои санҷида баромадани мутобиқати низоми назорати дохилӣ дар Бонк ба талаботи

қонунгузорӣ, аз ҷониби Шӯрои нозирон сохтори ташкилии хадамоти аудити дохилӣ тасдиқ, роҳбар (сараудитор) ва аъзои он бошад таъин карда мешаванд. Ба вазифаи сараудитори дохилии Бонк танҳо шахсе таъин карда шуда метавонад, ки ба талаботҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Мақсади аудити дохилӣ ин баҳодиҳӣ ба мутобиқат ва босамарии низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо аз рӯйи ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти Бонк, таъмини иттилооти саривақтӣ ва муътамад оид ба ҳолати аз тарафи воҳидҳои Бонк иҷро шудани вазифаҳои ба онҳо вогузоршуда, инчунин, додани тавсияҳои муассир ва самарабахш барои беҳбудии кор мебошад.

9.5. Вазифаҳои асосии хадамоти аудити дохилӣ инҳоянд:

- санҷиш ва баҳодиҳӣ ба самаранокии назорати дохилӣ;
- санҷиши татбиқи пурра ва самаранокии услуби баҳодиҳии хавфҳои бонкӣ ва тартиби идоракунии хавфҳои бонкӣ (услубҳо, барномаҳо, қоидаву тартиб ва расмиёти анҷом додани амалиёт ва қарордодҳои бонкӣ, идоракунии хавфҳо);
- санҷиши самаранокии фаъолияти низоми автоматизатсияшудаи (худкорӣ) иттилоотӣ, аз ҷумла, назорат ба мукаммалии манбаи маълумот ва ҳифзи он аз дастрасии беиҷозат, мавҷудияти нақшаи амал дар ҳолатҳои ғайричашмдошт;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективӣ ва саривақтии сабтҳои ҳисобдорӣ, инчунин, боэътимодӣ ва сари вақт ҷамъоварӣ ва пешниҳод кардани маълумот ва ҳисобот;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективона ва саривақт пешниҳод шудани дигар маълумот мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- санҷиши роҳу услубҳое, ки барои таъмини ҳифзи амволи Бонк истифода мешаванд;
- дигар масъалаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## БОБИ 10
## КОТИБИ КОРПОРАТИВӢ

10.1. Котиби корпоративӣ дар назди Шӯрои нозирон ҳисоботдиҳанда мебошад.

10.2. Котиби корпоративӣ дар асоси Низомномаи котиби корпоративии Бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешавад, фаъолият менамояд.

10.3. Котиби корпоративӣ дар як вақт наметавонад, аъзои Шӯрои нозирон бошад.

## БОБИ 11
## КУМИТАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

11.1. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии Бонк аз ҷониби Шӯрои нозирон мутобиқи Оинномаи мазкур таъсис дода мешавад. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ аз 3 (се) нафар иборат мебошанд. Аъзои Шӯрои нозирон ва Раиси Бонк наметавонанд узви Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ бошанд.

11.2. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва раиси он аз ҷониби Шӯрои нозирон ба муҳлати 2 (ду) сол таъин карда мешаванд. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ метавонанд дар давраҳои минбаъда аз нав таъин карда шаванд.

11.3. Қарор дар бораи таъини аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ бо овоздиҳии оддии аксарияти аъзои Шӯрои нозирони Бонк, ки дар ҷаласаи Шӯрои нозирони Бонк иштирок доранд, қабул карда мешавад.

11.4. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ уҳдадоранд:

- ҳангоми баррасии масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда беғараз ва воқеъбин бошанд;
- доир ба масъалаҳои баррасишаванда хулосаю тавсияҳои саҳеҳ, асоснок ва далелнок

диҳанд;
- дастури муқарраршударо риоя карда, доир ба масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда хулоса ва тавсияҳои саривақтӣ диҳанд;
- низоми сирри бонкӣ ва тиҷоратиро нисбат ба маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифа ба онҳо дастрас шудааст, риоя намоянд;
- ҳангоми мавҷудияти ақидаҳои гуногун одобро риоя карда, қарорҳои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломиро, ки дар назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, вайрон накунанд;
- расмиёт ва стандартҳоеро, ки Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ маъқул дониста, Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, риоя намоянд.

11.5. Тартиби амалӣ намудани фаъолияти Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ муфассалтар тибқи Низомномаи Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешавад, ба танзим дароварда мешавад.

## БОБИ 12
## ФИЛИАЛҲО ВА НАМОЯНДАГИҲОИ БОНК

12.1. Бонк барои оғози фаъолияти филиалҳои худ бояд розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистонро гирад. Бонк бе гирифтани розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон наметавонад берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал, намояндагӣ ё бонки фаръӣ таъсис диҳад.

12.2. Бонк танҳо баъд аз гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломиро тавассути "равзанаи бонкии исломӣ" пайдо мекунад. Ҳамчунин барои оғози фаъолияти ҳар як "равзанаи бонкии исломӣ"-и худ Бонк розигии Бонки миллии Тоҷикистонро мегирад.

12.3. Бонк доир ба ҳар гуна тағйирот вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ ё қатъи фаъолияти филиал ва намояндагии худ, Бонки миллии Тоҷикистонро дар муддати даҳ рӯз аз санаи қабули қарор хабардор менамояд.

12.4. Бонк дорои чор филиал бо номҳои расмӣ ва суроғаи ҳуқуқии зерин мебошад:

(1) Равзанаи бонкии исломӣ дар Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе. Суроға: Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Садриддин Айнӣ, хонаи 34А.

(2) Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе. Суроға: Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ 51.

(3) Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳим Ҷалил, хонаи 2.

(4) Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар шаҳри Кулоб. Суроға: Тоҷикистон, шаҳри Кулоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 4 А.

## БОБИ 13
## ДОРОИҲО ВА ФОНДҲОИ БОНК

13.1. Дороиҳои Бонк аз воситаҳои асосӣ, муомилотӣ ва дигар дороиҳое иборат мебошанд, ки арзиши онҳо дар тавозуни Бонк дарҷ гардидааст. Дороиҳои Бонк метавонанд аз сарчашмаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- маблағи қоғазҳои қиматноки паҳншуда;
- фоидаи Бонк;
- дигар сарчашмаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд.

13.2. Фоидае, ки Бонк дар натиҷаи фаъолияти соҳибкории худ ба даст меорад тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мешавад ва пас аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои зарурӣ метавонад бо қарори Саҳмдори ягона барои ташкили фонди захиравӣ ва дигар фондҳо, инчунин пардохти дивидендҳо истифода шавад.

13.3. Дар Бонк фонди захиравӣ дар ҳаҷми на камтар аз як фоизи (1%) сармояи оинномавии Бонк таъсис дода мешавад. Фонди захиравии Бонк бо роҳи маблағгузоронии ҳарсола аз ҳисоби фоидаи софи Бонк то расидан ба ҳаҷми муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур ташаккул меёбад. Андозаи маблағгузоронии ҳарсола ба фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи софи Бонк набояд аз панҷ фоизи (5%) фоидаи софи солонаи Бонк кам бошад. Маблағгузоронии ҳарсола ба фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи софи Бонк танҳо пас аз тасдиқи ҳисоботи солонаи муҳосибии (молиявии) Бонк ва бо қарори дахлдори Саҳмдори ягонаи Бонк амалӣ карда мешавад.

13.4. Бонк ҳуқуқ дорад бо қарори Саҳмдори ягона дигар фондҳоро бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад.

## БОБИ 14

## ТАҚСИМИ ФОИДАИ БОНК

14.1. Бонк ҳуқуқ дорад ҳар семоҳа, ҳар нимсола ва ё ҳарсола оид ба тақсими фоидаи софи худ ба тариқи пардохти дивидендҳо аз рӯйи саҳмияҳои паҳнкардашудаи худ қарор қабул намояд. Дивидендҳо аз фоидаи софи Бонк пардохта мешаванд.

14.2. Андозаи дивидендҳо, шартҳо ва тартиби пардохти онҳо аз ҷониби Саҳмдори ягона тасдиқ карда мешавад. Андозаи дивидендҳо аз андозаи тавсиянамудаи Шӯрои нозирон зиёд буда наметавонад.

14.3. Дивидендҳои эълоншуда дар муҳлати на дертар аз ду моҳ пас аз қабули қарори Саҳмдори ягона оид ба пардохта шудани дивидендҳо пардохта мешавад, агар бо қарори Саҳмдори ягона тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

14.4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонк ҳуқуқ надорад вобаста ба пардохти дивидендҳо қарор қабул намояд ё дивидендҳои эълоншударо пардохт намояд.

## БОБИ 15

## БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТ, ҲУҶҶАТҲОИ БОНК

15.1. Бонк пешбарии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Масъулияти ташкил, ҳолат ва саҳеҳии баҳисобгирии муҳосибавӣ дар Бонк, сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботи солона ва дигар ҳисоботи молиявӣ ба мақомоти дахлдор ба зиммаи мақоми иҷроияи Бонк гузошта мешавад.

15.2. Барои тафтиши ҳарсола ва тасдиқи ҳисоботи солонаи молиявӣ Бонк аудитореро, ки бо Бонк ва ё саҳмдорони он бинобар манфиати молумулкӣ ягон алоқамандие надорад, ҷалб менамояд. Бонк танҳо он ташкилотҳои аудиториеро ҷалб менамояд, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзӣ ва/ё ташкилоти қарзии исломӣ буда, ба рӯйхати аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нашршуда ворид карда шудаанд. Бонк наметавонад пайдарпай як ташкилоти аудиториро ба муҳлати зиёда аз 3 (се) сол аудитор таъин намояд.

15.3. Соли молиявии Бонк 1 январ оғоз гардида, 31 декабр ба итмом мерасад.

15.4. Бонк ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузориро дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти

иҷроияи худ тибқи тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор нигоҳ медорад. Чунин ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби Бонк дар давоми 7 (ҳафт) рӯз аз санаи пешниҳоди дахлдори саҳмдор барои шиносоӣ дар бинои мақомоти иҷроияи Бонк ба саҳмдор пешниҳод карда шаванд. Маълумоти аз Бонк бадастовардашуда бояд махфӣ нигоҳ дошта, он танҳо барои беҳбудии фаъолият ва манфиати Бонк ё барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ дар Бонк истифода шавад.

## БОБИ 16
## ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ БОНК

16.1. Феҳристи саҳмдорони Бонк аз ҷониби дорандаи феҳристе, ки Бонк бо он шартнома дорад, пеш бурда мешавад.

16.2. Дорандаи феҳристи саҳмдорони Бонк бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо (ва пардохти маблағи муқарраргардида) вазифадор аст, ки ҳуқуқи ӯро ба саҳмияҳо бо додани нусхаи сабт аз феҳристи саҳмдорони Бонк, ки коғази қиматнок намебошад, тасдиқ намояд.

16.3. Шахси дар феҳристи саҳмдорони Бонк ба қайд гирифташуда, вазифадор аст, ки дар муҳлати 5 (панҷ) рӯз ба дорандаи феҳрист дар бораи тағйир ёфтани маълумоти худ иттилоъ диҳад. Дар мавриди пешниҳод накардани иттилоот оид ба тағйирот дар бораи маълумоти худ, Бонк ва дорандаи феҳрист барои зарари вобаста ба ин расонидашуда масъулият надоранд.

## БОБИ 17
## РАСМИЁТИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК

17.1 Фаъолияти бонкӣ ва бонкии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

17.2 Азнавташкилдиҳии Бонк танҳо баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Бонк ба ҳуҷҷатҳои таъсисотии Бонк бояд тағйироти дахлдор ворид карда шаванд.

17.3 Азнавташкилдиҳии Бонк метавонад, ки ихтиёрӣ, аз ҷониби Саҳмдори ягона тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

17.4 Бонк барои анҷом додани ҳар гуна раванди барҳамдиҳӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд.

## БОБИ 18
## МАСЪУЛИЯТИ ШӮРОИ НОЗИРОН ВА РАИСИ БОНК

18.1. Аъзои Шӯрои нозирон ва Раиси Бонк дар назди Бонк ва Саҳмдори ягонаи он барои зараре, ки аз амали (беамалии) гунаҳкоронаашон ба Бонк ва Саҳмдори ягонаи он расидааст, масъулият доранд, агар дигар асосҳо ё андозаи масъулият тибқи қонунгузорӣ муқаррар нашуда бошад.